**Иқтибос аз Суратмаҷлиси № 5**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

8 феврали соли 2024 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 12 нафар **иштирок карданд**: д.и.т., профессор Саидов А. – раиси Шӯро; д.и.т., проф. Абулҳаев Р. – муовини раиси Шӯро; д.и.т. Иброҳимов М.Ф. – котиби илмии Шӯро; д.и.т. Абдурашитов Ф. М.; д.и.т. Бобомуллоев С. Ғ; д.и.т. Додхудоева Л. Н.; д.и.т., Қобилова Б.Т.; д.и.т., профессор Маликов М. Ҳ., узви вобастаи АМИТ Пирумшоев Ҳ.; д.и.т. проф. Раҷабов А.; д.и.т., проф. Ҳотамов Н.Б.; узви вобастаи АМИТ Шарифзода А.А.

**Рӯзномаи маҷлис:**

2. Барои ҳимоя қабул намудани таҳқиқоти диссертатсионии Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991 – 2016)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда.

**Оид ба масъалаи 2.**

Барои ҳимоя қабул намудани таҳқиқоти диссертатсионии **Яқубшоев Афруз Хубоншоевич** дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991 – 2016)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи **ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ** (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда. Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих, профессор Қаҳҳор Расулиён.

**Баромад кард:** Раиси комиссияи ташхис д.и.т., профессор Ҳотамов Н. Б.

Тибқи фасли 5 "Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 с., таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 санаи 11.01.2024 с. комиссияи ташхисро дар ҳайати д.и.т., профессор Ҳотамов Н. Б., д.и.т., Қобилова Б.Т. ва д.и.т. Бобомуллоев С. барои баррасии диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991 – 2016)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

пешниҳод шуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 5 аз 12.12.2023), хулосаи комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, дар мутобиқат ба бандҳои 57-60 фасли 5 “Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ”, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035

**Қарор кард:**

1. Хулосаи комиссияи ташхис ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи **Яқубшоев Афруз Хубоншоевич** дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991 – 2016)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи **ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ** (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст, ба соҳаҳои Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 ва мавзӯи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

2. Диссертатсия барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

**Набизода Ваҳоб Машраб**, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи ватанӣ ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров;

**Таваров Муҳаммадулло Султонович**, номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи ахбори нашриёти расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи “Ҷумҳурият”.

4. **Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

5. Санаи ҳимоя **2 майи соли 2024** муайян карда шавад.

6. Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ирсоли он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

7. Барои ҷойгир намудани эълон, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба унвонҷӯ иҷозат дода шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор - 12, муқобил - нест, бетараф - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.т., профессор А. Саидов

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ д.и.т. М. Ф. Иброҳимов

08.02.2024 с.